Мутобиқи фармоиши раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми августи соли 2015, №69 гурӯҳи корӣ аз 24-ум то 27-уми августи соли 2015 вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, №335 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016»,аз 4-уми октябри соли 2011, №458 «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва иҷрои супоришҳои нусха аз Протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30-юми марти соли 2012, №3, аз 29-уми июли соли 2012, №7, аз 28-уми марти соли 2013, №3, аз 28-уми марти соли 2014, №3)-ро дар мақомот, ташкилотумуассисаҳо,муассисаҳоитаълимӣ, нуқтаҳоисавдовамарказҳоихизматрасониимаишӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Восеивилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дод.

Мутобиқи Фармоиши раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-юми августи соли 2015, №70 гурӯҳи корӣ аз 24-ум то 27-уми августи соли 2015 вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, №335 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016»,аз 4-уми октябри соли 2011, №458 «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва иҷрои супоришҳои нусха аз Протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30-юми марти соли 2012, №3, аз 29-уми июли соли 2012, №7, аз 28-уми марти соли 2013, №3, аз 28-уми марти соли 2014, №3)-ро дар мақомот, ташкилотумуассисаҳо,муассисаҳоитаълимӣ, нуқтаҳоисавдовамарказҳоихизматрасониимаишӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои Фархор ва Мир Саид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дод.

Мутобиқи Фармоиши раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми октябри соли 2015, №84 гурӯҳи корӣ аз 26-уми октябр то 26-уми ноябри соли 2015 вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, №335 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016», иҷрои супоришҳои нусха аз Протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2014, №3 ва супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми ноябри соли 2013, №30/10-4 донишгоҳу донишкадаҳои дар шаҳри Душанбе ҷойгир бударо мавриди санҷиш қарор дод. Аз ҷумла:

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
2. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
3. Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ
4. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
5. Донишгоҳи ДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино
6. Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия
7. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
8. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
9. Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
10. Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
11. Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии донишкадаи пӯлод ва хӯлаи шаҳри Москва дар шаҳри Душанбе
12. Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон
13. Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон
14. Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
15. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

16. Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит
17. Филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе
18. Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
19. Донишкадаи идоракунии давлатии назди ПҶТ
20. Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз диктанти санҷишии гирифташуда дар муассисаҳои олии шаҳри Душанбе зиёда аз 300-нафар донишҷӯён, 80% баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд.

Назорати татбиқи Қонуни мазкур аз ҷониби роҳбарони аввали муассисаҳои олии шаҳри Душанбе пурра ҳалли худро наёфтааст.

Ҳамзамон Кумита аз 9-ум то 20-уми ноябри соли 2015 вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва иҷрои банди 30-юми Протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми октябри соли 2009, №11 ширкатҳои мобилии дар шаҳри Душанбе ҷойгир бударо мавриди санҷиш қарор дод. Аз он ҷумла:

- ҶСП «Вавилон Мобайл»;
- ҶСП «ТК – Мобайл»;
- ҶДММ ҶМ«Тоҷикмобайл»;
- ҶСП «ТТ Мобайл» (Мегафон);
- ҶСП «Индиго Тоҷикистон» (Тселл);
- ҶДММ «Таком» (Билайн).

Мутаассифона, ҶДММ «Таком» барои санҷиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гурӯҳӣ кориро қабул накард.

Таҳлилҳо дар ин самт идома доранд.

Санҷиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонии маишӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар соли 2016-ум ба нақша гирифта мешавад.

Банди 16 (мухлат 2012-2016). Натиҷаи иҷро:Мутобиқи маълумоти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷрои банди 16 Нақшаи чорабиниҳои Барнома дар мавриди таъмини хизматрасонӣ ба забони давлатӣ дар нақлиёти ҷумҳурӣ тамоми сохторҳо мувазаф гардидаанд. Қобили тазаккур аст, ки дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ вобаста ба шароит хизматрасонӣ ба забонҳои байналмилалӣ низ баробар сурат мегирад.

Банди 17(мухлат 2012-2016). Натиҷаи иҷро: Дар соли 2012 аз ҷониби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда бо барчаспҳо, нархнома ва дастурамалҳо ба забони давлатӣ 9 маротиба бо соҳибкорону истеҳсолкунандагони махсулоти хӯрокворӣ (ҳасиб, маҳсулоти ширӣ, обҳои нӯшокӣ, маҳсулоти қаннодӣ ва яхмос) суҳбат гузаронида шудааст.

Ҷиҳати таъмин намудани маҳсулоти дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда бо борчаспҳо, нархнома ва дастурамалҳо ба забони давлатӣ, бо истеҳсолкунандагон вохӯриҳо ташкил намуда, мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамзамон дар ин замина бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2014, №29 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ” қабул карда шудааст, ки яке аз талаботи он дар борҷомаи маҳсулот сабт намудани маълумот дар бораи мол бо забони давлатӣ мебошад.

Кумитаи забон ва истилоҳот низ дар ҷараёни санҷишҳо мунтазам ба ин масъала таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд ва мақомоти дахлдор барои риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳияи барчаспҳо огоҳонида мешаванд.

Бандҳои 19 ва 21(мӯҳлат 2012-2016). Натиҷаи иҷро: Кумита бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ ва гиромидошти забони миллӣ матни навор (ролик)-ҳои телевизиониро таҳия намуд, ки онҳо дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим ва тавассути шабакаҳои телевизион пахш гардиданд. Таҳия ва пахши чунин наворҳо ҳамасола дар назар дошта шудааст.

Кумита дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои телевизиониро таҳти унвони «Забон ва Қонун» ва «Фарҳанги забондонӣ» таъсис додааст. Ҳамчунин, ба хотири инъикоси ҳамаҷонибаи ҷараёни татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Нақшаи чорабиниҳои муштараки Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар асоси он мунтазам силсилаи барномаҳои тарғиботию маърифатӣ дар шабакаҳои телевизион ва радио омода ва пахш мегарданд. Барномаи алоҳида барои омӯзиши забони давлатӣ тавассути Муассисаи давлатии Телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» пешкаши наврасон мегардад.

Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 21-и боби IV Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 мунтазам намоишҳои телевизионӣ ва гуфторҳои радиоӣ таҳия ва пахш менамояд. Вобаста ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бандҳои Нақшаи чорабиниҳои мазкур тавассути Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон барномаҳои «Ҳастии миллат», «Забони бостон», «Гавҳари ҳастӣ», «Тамос», «Нигини тоҷи миллат», «Ҳарфи ишқ», «Саманди андеша», «Мубоҳиса», «Сайди маънӣ», «Чашмандоз», «Тобиш», «Ганҷи сармад» ва дар барномаи «Субҳ» бахшҳои «Дуруст мегӯем, дуруст менависем», «Тоҷикӣ ҳарф мезанем», «Вожаҳои сабз», «Забони ман–ҷаҳони ман» омода ва пахш карда шуданд.

Дар ин барномаҳо олимони маъруфи тоҷик Д.Саймиддинов, А.Турсун, Б. Камолиддинов, Н.Салимов, С.Назарзода, Б.Мақсудов, Б.Шарифзода, У.Тоҳиров, М.Абдураҳмонова, А.Байзоев, Ҳ.Талбакова, шоирону адибон М.Бахтӣ, Н.Яздон, К.Насрулло, А.Ҳаким, М.Бобобекова, Шаҳрия, А.Самадов ва кормандони Кумитаи забон ва истилоҳот Б.Ғуломова, Н.Аҳмадова, иштирок намуда, вобаста ба ғановати забони тоҷикӣ, риояи меъёрҳои адабии он мулоҳизаронӣ карданд. Ҳамчунин дар барномаи «Субҳ» суханони бузургон оид ба забон ба таври доимӣ ҳам дар шакли видеоролик ва ҳам дар шакли гузариш истифода бурда мешаванд.

Дар Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» дар барномаҳои «Хабар», «Забон донӣ-ҷаҳон донӣ», «Забон ва Истиқлол», «Суҳбати рӯз», «Хатти сабз», «Як хабару чанд назар» ва «Ифтихори ватандорӣ» мавзӯи мазкур пайваста мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирад.

Дар Муассисаи давлатии Телевизиони кӯдакону наврасон «Баҳористон» аз тариқи барномаҳои «Хабар», «Меҳри сухан» ва «Ном» вазъи омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои миёна ва олии ҷумҳурӣ, забони воситаҳои ахбори омма ва дигар паҳлӯҳои масоили забони тоҷикӣ матраҳ мегарданд.

Бо мақсади тарғиби забони тоҷикӣ дар радиои Тоҷикистон гуфторҳои «Решаи ҳастии миллат», «Дар суҳбати соҳибдилон», «Ганҷи ҷовид», «Ангубин», «Дурри маънӣ», «Садои пои вожаҳо» ва «Гавҳари сухан» омода ва пахш мегарданд.

Вобаста ба тарҷумаи филмҳо ба забони тоҷикӣ фаъолияти Шабакаи якуми телевизиони

Тоҷикистон назаррас мебошад. Дар ин самт аз аввали соли 2013 беш аз 40 номгӯй филмҳои мустанади илмию оммавӣ ва бадеӣ ба забонӣ тоҷикӣ тарҷума ва дубляж шуда, пешниҳоди тамошобинон гардиданд.

Ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ дар соли 2014 Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон филмҳои мустанади «Гавҳари ҳастӣ» (муаллиф А.Камолов, коргардон Ҷ.Султонов) ва «Пойдевори тамаддун» (муаллиф Ҳ.Раҳмонов, коргардон Н.Набиев), барномаҳои алоҳидаи «Тафсир», «Дунёи нав», «Тоҷикистон ва ҷаҳон», «Чакомаи Ватан», «Кохи бегазанд», «Самт», «Ганҷи шойгон», «Ҳарфи ишқ», композитсияҳои адабии «Ганҷи сармад», «Гавҳари маънӣ» инчунин, 8 видеолавҳа ва роликҳои тарғиботӣ намоиш дода шуданд. Дар арафаи Рӯзи Забон барномаҳои «Забон-ҳастии миллат», «Чашмандоз», «Маҷро», «Дар ниҳояти рӯз», «Сайди маънӣ», «Меъмори сухан», «Ҷавҳари ҳастӣ», «Нардбони осмон», барномаи адабӣ-мусиқии «Авранг» (оид ба ҳунари суханварии Рӯдакӣ) омода ва пешкаши тамошобинон гардонида шуданд. Ҳамзамон, ба ин муносибат пахши мустақими барномаи «Дурахши иқбол» бо иштироки масъулини Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода амалӣ шуд, ки дар он аз гиромидошти забон ва ҳувияти миллӣ сухан рафт. Барномаи «Бозтоби андеша» низ ҳамин мавзӯъро пайгирӣ намуд, ки дар он ҷавонон аз боби хушгуфторӣ ва риояи меъёрҳои забони давлатӣ баҳс карданд. Дар барномаҳои ҳамарӯзаи «Субҳ» бахшҳи «Дуруст меғӯем, дуруст менависем», «Панди рӯз», «Осори ниёгон», «Одоби муоширата» «Вожаҳои сабз» мавзӯъҳои риояи Қонуни забон ва ҳунари сухандониву суханварӣ баррасӣ мешаванд.

Дар барномаи «Самт» оид ба бартараф сохтани ғалатҳои имлоӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳои мактабӣ, барномаи «Кохи бегазанд» - доир ба марҳилаҳои таърихи ташаккули забон, барномаи «Ганҷи шойгон»- роҷеъ ба ситоиши бузургон дар васфи забон, барномаи «Авранг» - оид ба таносуби забон ва мусиқӣ маълумот пешниҳоди тамошобинон карда шуд.

Аз моҳи октябр ин ҷониб барномаи нави «Амвоҷи сухан» ҳафтае як маротиба пахш мегардад. Ҳамчунин, филми «Гавҳари ҳастӣ», барномаи «Дунёи нав»- доир ба масоили забон дар раванди ҷаҳонишавӣ, барномаи «Тафсир»- оид ба тарзи гуфтори ҷавонон ва мушкилоти он, барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» - оид ба мавқеи забони тоҷикӣ дар қиёс бо забонҳои гуногуни олам манзури бинандагон гардонида шуданд.

Вобаста ба тарҷумаи филмҳо ба забони тоҷикӣ низ фаъолияти Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон назаррас мебошад. Дар ин самт аз аввали соли 2014 беш аз 83 номгӯй филмҳои мустанади илмию оммавӣ ва бадеӣ ба забонӣ тоҷикӣ тарҷума ва дубляж шуда, пешниҳоди тамошобинон гардиданд ва дар хазинаи тиллоии Шабака маҳфузанд.

Дар Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» мувофиқи талаботи банди 21-и Нақшаи мазкур барномаи «Ислоҳоти маориф» дар мавзӯи вазъи забони модарӣ дар мактабҳо бо иштироки директори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Ҳисор М.Ниёзов ва мураббияи Кӯдакистони №67-и шаҳри Душанбе М.Ҷураева таҳия вапешниҳоди бинандагон карда шуд.

Дар Радиои Тоҷикистон доир ба риояи ҳатмии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи забони давлатӣ», эҳтиром ва тоза нигоҳ доштани забони модарӣ гуфторҳои «Фасоҳати калом», «Гавҳари сухан», «Ҳар кӣ суханро бо сухан зам кунад» омода ва ба самъи шунавандагон расонида мешаванд.

Банди 22 (муҳлат 2012). Натиҷаи иҷро:Бо қарори Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳот аз 25 апрели соли 2011, №4/1 «Дар бораи таъсиси Шӯрои коршиносон дар Кумита» аз зумраи муҳаққиқони забоншинос Шӯрои коршиносон таъсис дода шуд.

Банди 23 (мухлат 2013). Натиҷаи иҷро: Китоби «Феҳристи номҳои ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2013 тавассути Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик таҳия гардида, ба нашр расид.

Банди 24 (мухлат мунтазам). Натиҷаи иҷро: Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ҷорӣ намудани назорати риояи одоби сухан ва гуфтор дар фиттаҳои аудиоӣ ва видеоӣ аз ҷониби роҳбарияти Вазорат ба раёсатҳои

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

дахлдор супориш дода шудааст ва масъалаи мазкур зери назорати доимӣ қарор дорад.

Ҷиҳати таъмини назорат оид ба риояи одоби сухан ва гуфтор дар фиттаҳои аудиоӣ ва видеоӣ дар солҳои 2012-2013 кормандони Вазорати фарҳанг бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амният ва Кумитаи оид ба корҳои дин чор маротиба санҷишҳои муштарак гузарониданд.

Ҳамчунин, қайд менамоем, ки мутобиқи маълумоти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, назорат оид ба риояи одоби сухан ва гуфтор дар фиттаҳои аудиоӣ ва видеоӣ дар соли равон зери назорати доимӣ қарор дорад.

Банди 27 (мухлат ҳамасола). Натиҷаи иҷро:

Кумита ба истиқболи Рӯзи забони давлатӣ 18 сентябри соли 2012 Конференсияи ҷумҳуриявиро таҳти унвони «Забони давлатӣ ва танзими истилоҳот» баргузор намуд, ки дар он 96 нафар муҳаққиқону донишмандон, аз ҷумла намояндагон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти вобаста ба Кумита, аъзои маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забон»-и Кумита ва намояндагони ВАО ширкат варзиданд.

Дар конференсия 12 маърӯзаи илмӣ аз ҷониби донишмандони забоншинос мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки «Қолабҳои вожасозӣ дар номгузории бонкҳо», «Масъалаҳои татбиқи забони тоҷикӣ дар соҳаи илм», «Баъзе масъалаҳои истифодаи истилоҳот дар Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Вижагиҳои забон ва истилоҳоти бахши ҳуқуқ» аз ҷумлаи онҳоянд. Бо дарназардошти мушкилоти танзими истилоҳот ва дурнамои таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ дар ҳамкорӣ бо Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот ва муассисоту марказҳои илмӣ тавсияномаи Конференсия қабул гардид, ки мутобиқи он масъалаҳои зерин барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод гардиданд:

- Ба роҳ мондани омӯзиши илми истилоҳшиносӣ дар факултетҳои филологияи тоҷик, забонҳои Осиё ва Аврупо, забонҳои романиву германӣ, таърих ва ҳуқуқшиносӣ;

- Андешидани тадбирҳои мушаххас барои омӯзиши истилоҳоти бахшҳои илмҳои дақиқ дар институтҳои марбутаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраҳои мактабҳои олии ҷумҳурӣ;

- Аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ба роҳ мондани таҳқиқ ва нашри вожаномаҳо ва фарҳангномаҳои тахассусӣ;

- Мусоидат намудани шӯроҳои дифои ҷумҳурӣ барои пешниҳоди мавзӯъҳои мубрами истилоҳот ва истилоҳшиносӣ;

- Таъсиси фаслномаи «Забон ва истилоҳот» дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Бо тавсияи Кумитаи забон ва истилоҳот ва Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот нашр гардидани ҳама гуна вожаномаҳо ва фарҳангҳои истилоҳот;

- Дар ҳамкорӣ бо пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ таҳия намудани «Дастурамали ягонаи танзим ва қабули истилоҳот» ба хотири стандартсозӣ ва ҳамгунсозии истилоҳоти забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои илм.

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»Кумита пешниҳодҳоро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Дар иртибот ба пешниҳодҳои Кумита ва мутобиқи дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, муассисаҳои таълимӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои мақомоти қудратӣ бо иштироки олимону адибон

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмию амалӣ ва маҳфилҳои адабӣ баргузор гардиданд. Кормандони Кумита дар ин чорабиниҳо иштирок намуда, муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷики»-ро тавзеҳ доданд.

Ҳамчунин, дар давоми соли 2012 оид ба иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва меъёрҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» бо иштироки кормандони Кумита дар Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бозрасии давлатии автомобилии шаҳри Душанбе ва донишгоҳу донишкадаҳо машварату мулоқотҳо баргузор гардид.

Дар асоси дархости Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 апрели соли 2013 дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки мудирони маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ семинари машваратӣ дар мавзӯи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» доир гардид. Дар семинари мазкур узви Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот ва ҳайати гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» профессор Кабиров Ш. ва мудири бахши умумии Кумита Ҷӯраева Б.М. иштирок намуда, меъёрҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро шарҳу тавзеҳ доданд. Дар рафти семинар иштирокдорон ба саволҳои худ посуххои дақиқ гирифтанд.

Дар асоси мактуби раиси ноҳияи Варзоб аз 29 апрели соли 2013, №248 рӯзи 14 майи соли равон дар машварати омӯзишӣ оид ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» барои кормандони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб, узви гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», доктори илми филология Султонов М. ва сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Аҳмадова Н.Т. иштирок намуда, меъёрҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро шарҳу тавзеҳ доданд.

Ҳамчунин, дар асоси мактуби Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2013, №05-421 рӯзи 17 майи соли равон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар бо иштироки роҳбарони дастгоҳи раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» доир гардид. Дар мизи мудаввар аъзои гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» Кабиров Ш., Султонов М. ва сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита Аҳмадова Н.Т. иштирок намуда, меъёрҳои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро шарҳу тавзеҳ доданд.

Дар соли 2013 зимни ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб дар доираи иҷрои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 рӯзи 25 майи соли 2013 конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Истиқлолият ва сиёсати забони давлатӣ» бо иштироки роҳбарону коргузорони ташкилоту муассисаҳо ва маҳфилҳои иҷтимоии шаҳру деҳот баргузор гардид. Дар конференсияи мазкур узви гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» профессор Кабиров Ш., мудири бахши умумии Кумита Ҷӯраева Б.М. ва сармутахассиси шуъбаи танзими истилоҳот АҳмадоваН.Т. ширкат варзиданд.

Дар конференсия маърӯзаҳои илмӣ аз ҷониби донишмандони забоншинос мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки «Нақши истиқлолият дар рушд ва ташаккули забони адабӣ ва миллӣ», «Нигоҳе ба масоили татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Забон-равшангари замон» аз ҷумлаи онҳоянд.

Зимни маърӯзаи сармутахассиси Кумита Аҳмадова Н.Т. муқаррароти моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва талаботи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 шарҳу тавзеҳ дода шуд.

Дар асоси мактуби Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

апрели соли 2013, №05-376 бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ, хусусан хадамоти кадрии мақомоти марказӣ аз моҳи апрели соли равон ҳар моҳ охири ҳафта масъули хадамоти кадрии Кумита дар дарсҳои хониши идоравӣ ширкат варзид.

Соли 2013 дар арафаи ҷашни Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Кумита дар чорабиниҳои идонаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази омӯзиши қисмҳои хизмати ҳарбии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ширкат варзида, мухтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016-ро шарҳу тавзеҳ доданд.

Кумита дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №204 «Дар бораи Нақшаи гузаронидани машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конфронсҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013», мутобиқи Нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №335 тасдиқ гардидааст ва мувофиқи дастури муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2013, №601033 (16.1) бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ Конференсияи ҷумҳуриявии илмиро таҳти унвони «Танзим ва корбурди истилоҳот дар забони давлатӣ» 1 октябри соли 2013 дар Кохи Ваҳдат бо иштироки зиёда аз 160 нафар муҳаққиқону донишмандон, ҳамчунин намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот ва намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор намуд. Дар кори конференсия 12 маърӯзаи илмӣ доир ба истифодаи истилоҳот дар соҳаҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин, 15 ноябри соли 2013 Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи забон ва истилоҳот мизи мудавварро таҳти унвони «Китобҳои дарсӣ ва масоили имло» бо иштироки ҳайати гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва забоншиносону омӯзгорони макотиби олӣ баргузор намуд. Дар мизи мудаввар раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Д.Саймиддинов доир ба мухтавои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» суханронӣ намуд.

Қобили зикр аст, ки тибқи Нақшаи чорабиниҳои Кумита бо мақсади тарғиби арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, иҷрои талаботи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 ва дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2014, №25397/26 силсилаи мулоқотҳои раиси Кумита бо иштироки омӯзгорону донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (10 марти соли 2014, бо иштироки 350 нафар), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (13 март соли 2014, бо иштироки 280 нафар), Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия (3 апрели соли 2014, бо иштироки 200 нафар), Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (10 апрели соли 2014, бо иштироки 260 нафар), Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммадҷон Осимӣ (17 апрели соли 2014, бо иштироки 250 нафар), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (24 апрели соли 2014, бо иштироки 220 нафар), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (7 майи соли 2014, бо иштироки 200 нафар), Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон (15 майи соли 2014, бо иштироки 300 нафар), Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (22 майи соли 2014, бо иштироки 240 нафар), Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 майи соли 2014, бо иштироки 37 нафар), Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (6 июни соли 2014, бо иштироки 65 нафар) ва Академияи Вазорати

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

корҳоидохилииҶумҳурииТоҷикистон (12 сентябри соли 2014, бо иштироки 350 нафар), Консерваторияи миллии Тоҷикистон ( бо иштироки 60 нафар), Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо иштироки 100 нафар), Омӯзишгоҳи олии сарҳадии қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милли Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо иштироки 80 нафар), Филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (бо иштироки 120 нафар), Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (бо иштироки 100 нафар) баргузор намуд.

Ҳангоми мулоқотҳо аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯён дар иртибот ба масъалаҳои меъёрҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, забони тарҷумаи китобҳои дарсӣ, воситаҳои ахбори омма, забони иттилоот ва реклама, сатҳи муоишират бо забони адабӣ дар нақлиёт ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, сатҳи барномаҳои телевизионӣ, аз ҷумла филмҳои бадеию тасвирӣ, сатҳи суханварии омӯзгорон дар муассисаҳои илмию таълимӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавони забондон, риояи меъёрҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ғ. саволҳо пешниҳод гардид, ки аз ҷониби раис ва роҳбарони сохторҳои Кумита ҷавобҳои мушаххас дода шуд.

Ҳамчунин, аз ҷониби омӯзгорон ва донишҷӯён як қатор пешниҳодҳо дар мавриди густариши забони давлатӣ пешниҳод гардид, аз ҷумла: баргузории силсилаи мулоқотҳо дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳкими робитаҳо бо воситаҳои ахбори омма ҷиҳати ташкили барномаҳои алоҳидаи телевизионӣ бо иштироки ҷавонон, ташкили «Маҳфили посдорон ва дӯстдорони забон», «Маҳфили суханвари беҳтарин» ва «Забондони беҳтарин» ва ғ.

Қобили зикр аст, ки силсилаи мулоқотҳо бо донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар идома дошта, аз натиҷаи он пайваста ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод карда мешавад.

Ҳамчунин, тибқи дархости соҳибкорони ноҳияи Синои шаҳри Душанбе рӯзи 15 майи соли равон дар Маҷмааи савдо ва тиҷорати «Саодат» дар ноҳияи Сино мулоқоти раис ва кормандони Кумита, намояндаҳо аз мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино ва шаҳри Душанбе ва Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороишии шаҳри Душанбе» бо соҳибкорон баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 300 нафар соҳибкорон ҳузур дошта, дар иртибот ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саволҳо пешниҳод намуданд. Ба ҳамаи саволҳои соҳибкорон дар доираи қонунгузории ҷумҳурӣ шарҳу посух дода шуд.

Дар асоси муроҷиати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 25-уми июни соли равон дар маҷлисгоҳи Хадамоти мазкур семинар дар мавзӯи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» бо иштироки роҳбарият ва аъзои Ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - декани факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Назарзода Сайфиддин баргузор гардид, ки иштирокдорон дар иртибот ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» саволҳо пешниҳод намуданд. Ба ҳамаи саволҳои мутахассисон дар доираи қонунгузории ҷумҳурӣ шарҳу посух дода карда шуд.

Кумита ба истиқболи Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарориҲукуматиҶумҳурииТоҷикистон «ДарбораиНақшаикорииҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистондарнимсолаидуюм»аз 3-юмииюлисоли 2014, №424, мутобиқиНақшаичорабиниҳоиБарномаирушдизабонидавлатииҶумҳурииТоҷикистонбароисолҳои 2012-2016, кибоқарориҲукуматиҶумҳурииТоҷикистоназ 30-юмииюнисоли 2012, №335 тасдиқгардидааст, ҳамчунин, мувофиқидастуримуовиниСарвазириҶумҳурииТоҷикистоназ 10-умииюлисоли 2014, №26/14-17 бахшидабаРӯзизабонидавлатииҶумҳурииТоҷикистон дар Кохи Ваҳдат рӯзи 19-умисентябрисоли 2014, Конференсияиҷумҳуриявииилмӣтаҳтиунвони «Забони давлатӣварушдиистилоҳот» баргузор гардид, ки дар он олимон, муҳаққиқону донишмандон, аз ҷумла, намояндагон аз вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, ниҳоду пажӯҳишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳоиҷумҳурӣ, ҳамчунин, намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор намуд. Дар кори конференсия 12 маърӯзаи илмӣ оид ба истифодаи истилоҳот дар соҳаҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Ҳамзамон, барои сазовор ҷашн гирифтани Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Кумита мулоқоту вохӯриҳоро бо иштироки аъзои Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумита дар ВазоратимудофиаиҶумҳурииТоҷикистон,Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи куҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи иқтисод ва андози Тоҷикистон, Факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ баргузор намудаанд, ки дар он мухтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016-ро ба кормандони вазорату идораҳо шарҳу тавзеҳ доданд.

Ба истиқболи Рӯзи забони давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ аз ҷониби кормандони Кумита таҳия ва пахш гардидаанд. Ҳамзамон, дар моҳи ноябри соли равон ду ҷаласаи Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот бо иштироки аъзои бахши забоншиносӣ ва намояндаи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Тоҷикистон баргузор гардид.

Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур 28 ноябри соли равон семинари машваратии «Мушкилоти истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ» бо иштироки омӯзгорону аспирантон ва унвонҷуёни Донишгоҳ баргузор гардид. Дар семинар маърӯзакунандагон оид ба мушкилоти истилоҳоти соҳаҳои технологияи нигаҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, боғдорӣ, зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво, усули муҳофизати биологии растаниҳо, чорводорӣ, ветенарӣ, занбури асалпарварӣ ва кишоварзӣ баромад намудаанд. Пас аз баррасии маърӯзаҳо дар семинар пешниҳод гардид, ки омӯзиш ва баррасии истилоҳоти соҳа ҷиддӣ ба роҳ монда шуда, дар ин замина таҳия ва нашри фарҳангҳои тахассусӣ тақвият бахшида шавад.

Бандҳои 28 ва 29 (муҳлат 2012-2016). Натиҷаи иҷро: Дар Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадбирҳои муайян андешида шудааст.

Дар компютерҳои вазорат ва сохторҳои он алифбои тоҷикӣ ҷойгир карда шуда, ба кормандон барои истифодабарии онҳо курсҳои омӯзишии компютерӣ гузаронида шуд.

Дар Агентии назорати давлатӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар китоби «Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба нашр расида, барои истифодаи хизматӣ ба кормандон дастрас карда шудааст.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон «Дастурамали тартиби коргузорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон» ва «Қоидаҳои таҳия ва барои нигаҳдорӣ ва супоридани парвандаҳо ба бойгонии Бонки миллии Тоҷикистон» ба теъдоди 2000 нусха ба забони давлатӣ нашр гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои судманд бо шарикон бо мақсади роҳандозӣ намудани системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ Маҷмӯи шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббии муассисаҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони русӣ таҳия ва интишор шуда буд. Дар доираи

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

иҷрои Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2010-2020 Вазорати тандурустӣ тасмим гирифтааст, ки Маҷмӯи шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббиро мавриди таҳрир қарор дода, боз нашр намояд.

Як навоварӣ дар фаъолияти Вазорати корҳои дохилӣ, ин таъсис ёфтани Маркази тестӣ мебошад. Маркази мазкур бо шумораи зиёди компютерҳо муҷаҳҳаз буда, саволномаҳои онҳо танҳо ба забони давлатӣ барномарезӣ шудаанд. Ҳадаф аз таъсис додани чунин марказ, аз як тараф, санҷидани донишу малакаи касбии кормандон бошад, аз тарафи дигар, тадбирест ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Дар Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик» санадҳои меъёрӣ ба забони тоҷикӣ таҳия ва истифода мешаванд. Аз тарафи Хадамоти робита бо ҷомеа китоби «Асноди ҳуқуқӣ ва меъёрӣ дар соҳаи энергетика» таҳия ва нашр гардидааст.

Дар доираи омодагиҳо ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо аз ҷониби КМИР 8 Дастурамал ва як китобчаи саволу ҷавобҳо оид ба интихобот ба забони давлатӣ таҳия ва бо қарорҳои Комиссияи марказии интихобот раъйпурсӣ моҳҳои май ва июли соли 2014 тасдиқ карда шуд, ки бо теъдоди зиёд чоп шуда, ба комиссияҳои поёнии интихоботи дастрас карда шуданд.

Аз ҷониби кормандони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,барои дар қонунгузорӣ истифода кардани мафҳуму истилоҳоти ягона ва ҷавобгӯи меъёри муайян корҳои назарас ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, Истилоҳоти соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, ҶДММ “Азия- Принт”, 2014, 156 саҳ.), Истилоҳоти соҳаи сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, “ Бухоро”, 2014, 172 саҳ.), Истилоҳоти соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, “Бухоро”, 2014, 276 саҳ.), Луғати русӣ ба тоҷикии Истилоҳоти ҳуқуқ (Душанбе, “Бухоро”, 2014, 336 саҳ.) ба нашр омода карда шуд.

Ҳамзамон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиш ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон китобҳои илмӣ, методӣ ва тафсирҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳокимияти судӣ, аз ҷумла, китобҳои “ Ҳуқуқи Тоҷикистон муосир”, қисми якум (Душанбе, 2014, 608 саҳ.), “Вазъи ҳуқуқи бедаракгумшудагон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “бо се забон: тоҷикӣ, русӣ, ва англисӣ. (Душанбе, 2014, 128 саҳ.), “Сиёсати ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот “бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, (Душанбе,2014, 285 саҳ.) Тафсири ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқи” (Душанбе, 2014, 287 саҳ.) ва соҳаҳои дигари идоракунӣ таҳия ва нашр гардидааст.

Дар соли 2014 Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳои байналмилалии соҳавиро бо забони давлатӣ тарҷумаи расмӣ намудааст. Ҳуҷҷатҳои махсус (оморӣ, муҳосибӣ)-и Кумита бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг шудаанд. Инчунин, истилоҳоти соҳавӣ такмил дода шудааст ва ин раванд идома дорад.

Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар ҳамаи бахшу шуъбаҳои Раёсати Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, ҷомеашиносӣ ва факултетҳо бо забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи сохтори нав аз ҷониби раёсати донишгоҳ “Оиномаи Донишгоҳи давлатии Данғара”, “Низомномаи шуъбаи аспирантура ва доктарантура”, “Низомномаи раёсати корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Данғара”, “Низомномаи шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии Данғара”,” Низомномаи маҷаллаи илмии “Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара”, “Низомнома дар бораи интишор ва иҷрои китобҳои дарсӣ, васоит ва дастурҳои илмию методӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара”, “Низомномаи роҳбарӣ ба корҳои илмии донишҷӯён, рисолаҳои хатмкунии бакалавриат ва кори дипломии мутахассис дар донишгоҳ”, “Низомномаи роҳбарӣ ба корҳои илмӣ - рисолаҳои унвонҷӯён, аспирантон ва

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

доктарантони Донишгоҳи давлатии Данғара", ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии донишгоҳ ба забони давлатӣ таҳия гардида, дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара рӯзи 18.07.2013, суратҷаласаи №1 тасдиқ карда шуданд.

Дар корхонаи КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" дар асоси Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамали намунавии коргузории худро таҳия ва тасдиқ намудааст.

Дар Агентии хариди давлатӣ мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ аз қабили "Низомнома дар бораи расмияти хариди давлатӣ", "Нақшаи солонаи харид", "Ҳисобот оид ба расмияти хариди гузаронидашуда", "Даъватнома барои иштирок дар озмун", "Фармоиш дар бораи гузаронидани озмун ва таъйини комиссияи тендерӣ", "Низомнома дар бораи комиссияи тендерӣ", "Дафтари сабти дархостҳо барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ", "Дафтари сабти дархостҳои тендерӣ", "забонхат дар бораи гирифтани дархости тендерӣ", "Протоколи ҷаласаи комиссияи тендерӣ оид ба кушодани лифофаҳои ба тендер воридушад", "Дастур дар хусуси баҳодиҳии экспертии дархостҳои тендерӣ", "Ариза дар бораи беғаразӣ", "шаклҳои баҳодиҳии экспертӣ", "Ҳисобот дар бораи тендер", "Протоколи ҷаласаи комиссияи тендерӣ оид ба арзёбии дархостҳои тендерӣ ва интихоби ғолиби тендер", "Шартнома бо ташкилкунандаи тендер", "Ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ", "Ҳуҷҷатҳои стандартии тендерӣ оид ба интихоби молрасон", "Шаклҳои 1-8 барои таҳияи дархости тендерӣ" дар шакли стандарти бо забони давлатӣ таҳия ва ба шакли китобӣ нашр карда шуда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои намунавӣ аз тарафи ташкилоту муассисаҳо ва молрасону пудрачиён мавриди истифода қарор доранд.

Оид ба бандҳои 28 ва 29 дар дастгоҳи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои зертобеъ мувофиқи стандартсозии ҳуҷҷатҳои идорӣ, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки дар коргузорӣ истифода мешаванд, ҳамчунин навиштаҷотҳо аз он ҷумла: лавҳаю овезаҳои иттилоотии беруна ва таҷҳизотҳои компютерӣ ба талаботи муқаррароти Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Банди 32 (муҳлат мунтазам). Натиҷаи иҷро: Бояд тазаккур дод, ки дар ҷараёни санҷишҳои Кумита оид ба вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2004, №330 «Дар бораи стандартҳои рамзгузорӣ ва ҷобаҷогузории алифбои тоҷикӣ дар клавиатураи компютерии стандарти UNICODE барои истифодабарии компютерӣ» таваҷҷӯҳи махсус сурат мегирад. Бояд гуфт, ки дар як қисми ташкилоту муасиссаҳо истифодаи ҳуруфи тоҷикӣ дар компютерҳо таъмин гардидааст.

Чунончи, дар технологияи компютерии Раёсати хизмати давлатӣ ва Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ забони давлатӣ истифода мешавад. Ба компютерҳои кормандон ҳуруфи тоҷикӣ барои истифода пайваст гардида, луғатҳои тоҷикӣ-русӣ ва русӣ-тоҷикӣ ба таври ройгон дар шакли электронӣ ба кормандон дастрас карда шудааст.

